Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

9 июли соли 2022 Шанбе

№ 55 (14860)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ТАБРИК БА ХАЛҚИ ЎЗБЕКИСТОН БА МУНОСИБАТИ ИДИ ҚУРБОН

*Ҳамватанони муҳтарам!*

*Самимона аз таҳти дил шумо, падар ва модарони муҳтарам, бародар ва хоҳарони азиз, ҷавонон, тамоми мардумамонро бо ҷашни бузурги Иди қурбон, ки онро мо якҷоя бо тамоми олами ислом бо хушнудии том пешвоз мегирем, табрик менамоям ва бароятон беҳтарин таманноҳоро изҳор мекунам.*

*Дар ин рўзҳои дурахшон, мо пеш аз ҳама, аз Худованд сипосгузорем, ки ҳамаамон бо ҳам Иди қурбон – ҷашни Ийд ал-Адҳаро дар фазои сулҳ ва фароҳмандӣ пешвоз мегирем.*

*Ҳамаи мо хуб медонем, ки ислом дини сулҳ, некӣ ва инсонпарварӣ аст.*

*Ҳидоят ба сулҳ дар бештар аз сад ояти Қуръони муқаддас садо медиҳад. Ҳамин тариқ дар сураи «Бақара» гуфта мешавад:* ***«Оне, ки имон овардаед! Ба сулҳ азм намоед!»***

*Воқеан дар шароити имрўзаи хеле мураккаб ва ноором барои ҳар як мусалмон, ҳар як инсоне, ки дар мамлакатамон иқомат дорад, қадр намудан ва ҳифз кардани сулҳу субот аз ҳарвақта муҳимтар ба шумор меравад.*

*Боварӣ дорам, ки иҷрои ин вазифаи бошараф ва муқаддас барои ҳар як шаҳрванди Ўзбекистон чун амри дил ва қарзи инсонӣ гардида, барои пурзўр намудани истиқлолиятамон, таъмини сулҳ, ҳаёти озод ва фароҳноки халқ,ояндаи фарзандонамон хидмат хоҳад кард.*

*Дўстони азиз!*

*Ин ҷашн, ки дар худ чунин мафҳумҳои муқаддас, чун эъзози аз ҳама азиз ва арҷгардандаи офаридаи Худованд – инсон, шаън ва қадри онро таҷассум менамояд, комилан бо ислоҳоти доманфарохе, ки дар Ўзбекистон ба хотири манфиатҳои инсон, ба вуҷуд овардани ҳаёти муносиби мардумамон ба амал меояд, бинобар моҳият ва муҳтавояш ҳамоҳанг аст.*

*Дар солҳои охир дар мамлакат ба барқарорсозӣ ва рушди ҳамаҷонибаи арзишҳои миллӣ ва динӣ эътибори калон нигаронда мешавад.*

*Ободгардонии зиёратгоҳҳо ва маҳалҳои муқаддас, масҷид ва мадрасаҳои қадима, омўзиши амиқ ва ба тариқи васеъ оммавигардонии мероси беназири маънавиву маърифатии ниёгони бузургамон аз ҷониби ҳамватанон ва ҷомеаи ҷаҳон боиси эътироф мегардад.*

*Ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон дар соҳаи дин таъмин гардида, мусулмонони мамлакат таомулҳои диниро озодона анҷом медиҳанд.*

*Махсус таъкид бояд кард, ки пас аз маҳдудияти ду соли охир, ки бо пандемияи коронавирус вобаста буд, имсол 12 ҳазор шаҳрвандонамон имконият пайдо намуданд, ки ҳаҷҷи муқаддасро анҷом диҳанд, дар шаш моҳи охир қариб 40 ҳазор мусулмонони Ўзбекистон зиёрати умраро анҷом доданд.*

*Дар солҳои охир бинобар анъанаи неке, ки дар мамлакат ба вуҷуд омадааст, ба муносибати Иди қурбон рўзҳои бариловаи истироҳатӣ эълон гардид, ки ин ба ҳамватанонамон имконият медиҳад идро бомазмун якҷоя бо хонаводаҳо ва қарибон гузаронда, ба сафарҳо ва тамошоҳои аҷиб дар доираи маконҳои дидании Ватани зебоямон бипардозанд.*

*Ҳамаи мо бо он ифтихор дорем, ки дини муқаддаси ислом ва арзишҳои носутурдании он, анъанаҳои қадимии Иди қурбон, ки чунин сифатҳои барои халқамон хос, мисли эҳтироми ҳамдигар, некӣ ва шафқат, дар ҳавои сулҳу сафо зистан ва некманиш буданро боз ҳам пурзўр менамояд, ончунон мисли қувваи маънавие хидмат менамояд, ки назир надорад ва вакилони миллат ва мардумони мухталифро муттаҳид месозад.*

*Аз фурсат истифода намуда, бо ин ҷашни муқаддас мусулмонони кишварҳои дуру наздики хориҷӣ, тамоми дўстон ва шариконро табрик намуда, барояшон сулҳ, пешрафт ва шукуфоӣ таманно дорам.*

*Ҳамватанони муҳтарам!*

*Бори дигар шуморо бо Иди муқаддаси қурбон табрик менамоям.*

*Бигзор дар ин ҷашни дурахшон тамоми орзуву омоли неки мардумамон ҷомаи амал пўшад!*

*Бигзор дар мамлакатамон сулҳ ва оромӣ ҳамеша ҳукмрон бошад!*

*Бигзор Худованд ҳамеша Ватани дўстдоштаи моро ҳифз намояд, дар ҳар гуна кори нек мардуми бошараф ва меҳрубонамонро мададгор бошад!*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон***

## ИҶРОИ ВАЗИФАҲОИ СОҲАИ ГЕОЛОГИЯ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 8 июл бинобар масъалаҳои натиҷаҳои ноилгардида дар соҳаи геология ва нақшаи соҳа дар давраи то охири сол ҷамъомад баргузор намуд.***

Раиси Кумитаи давлатӣ оид ба геология ва захираҳои маданӣ Б.Исломов дар бораи иҷрои корҳо дар солҳои охир гузориш дод. Аз он ҷумла, дар натиҷаи татбиқи технологияи замонавӣ ҳаҷми корҳои иктишофии геологӣ ва пармакунӣ ба 1,5 маротиба афзуд.

Ставкаи андоз барои истифодаи захираҳо кам карда шуд, ки ин барои сармоягузорони хусусӣ роҳ боз намуд. Аз ҳисоби татбиқи маконҳои истихроҷӣ аз тариқи аукцион сармоягузории 1 миллиарду 400 миллион доллар сар шуд.

Донишгоҳи илмҳои геологӣ таъсис ёфт, ки фаъолияти он дар асоси пешқадамтарин технология ва замонавитарин усул ташкил гаштааст.

Дар тақдимоте, ки 19 майи соли ҷорӣ баргузор гардид, Президент дар заминаи трансформатсияи корхонаи давлатии «Навоиуран» ва афзудани захираи уран супориш дода буд. Имрўз маълумот дар бораи кори оғозгардида дар ин самт, нишондодҳои мақсаднок барои ояндаи наздик ва дур пешниҳод карда шуд.

Ҳамин тариқ, ҷараёни технологӣ ва ҳисобу китоби молиявиро барои ба стандартҳои байналхалқӣ гузарондан ба нақша гирифта, ҳаҷми истихроҷ ва захираи уранро то соли 2030 2 баробар афзудан ба нақша гирифта шудааст.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки барои иҷрои босамари ин чорабиниҳо дар «Навоиуран» идораи лоиҳавӣ бояд кушод, мутахассисони хориҷиро ҷалб намуда, малакаи кадрҳоро боло бояд бурд.

Инчунин азхуд намудани чоҳҳои металлҳои ранга ва нодир муҳокима гардид. Майдони корҳои иктишофии геологӣ бинобар ин намудҳои ашёи хом васеъ карда шуда буд. Ба вуҷуд овардани ширкати «Янги кон» дар назди Фонди реконструксия ва тараққиёти Ўзбекистон ба нақша гирифта шудааст. Ин ширкат бо татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба истихроҷи литий, алюмин, магний, графит ва дигар металлҳои нодир машғул хоҳад гардид.

Захираҳои об низ аҳамияти камро молик нест. Дар солҳои охир ҳаҷми обҳои таҳшин дар 21 ноҳия аз сатҳи болоӣ то 20 метр паст рафтааст. Сарфи назар аз ин, дар маҳалҳо пармакунии ғайриқонунии чоҳҳо барои дарёфти об ба назар мерасад. Танҳо соли 2021 1,2 ҳазор чунин ҳолат ба ҳисоб гирифта шудааст.

Маҳз барои ҳамин Президент пештар ташкили босамар истифода намудани обҳои зеризаминиро супориш дода буд. Бо ин мақсад лоиҳаи қонун дар бораи пурзўр намудани масъулият барои ғайриоқилона истифода намудани заминҳои зеризаминӣ таҳия гардида буд.

Дар бораи чорабиниҳои андешидашуда дар заминаи афзудани захираи обҳои зеризаминӣ дар вилоятҳои Бухоро, Ҷиззах, Самарқанд, Сурхондарё ва Тошканд гузориш дода шуд.

Инчунин маълумот дар бораи васеъ татбиқ намудани манбаъҳои энергияи барқароршаванда ва ба вуҷуд овардани кластери марбут дар Қашқадарё пешниҳод гардид.

– Умуман геология нерўи асосии таҳрикбахшандаи тараққиёти иқтисодӣ ба шумор меравад. Лозим аст, ки потенсиали он комилан истифода гардад, – гуфт роҳбари давлат.

**ЎзА.**

## ХАБАРИ МУХТАСАР

### ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ УМУМИИ БИСТУ ҲАШТУМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

***8 июли соли 2022 дар Тошканд ҷамъомади умумии бисту ҳаштуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон баргузор гардид.***

Дар он сенаторон, аъзои ҳукумат, намояндагони вазорату идораҳо, аъзои парлумони ҷавонони назди Сенат ва кормандони расонаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд.

Ба ҷамъомади умумӣ, ки дар шакли конфронси иртиботи видеоӣ баргузор шуд, Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон Танзила Норбоева роҳбарӣ кард.

Ҷамъомади умумӣ аз тариқи шабакаи Сенат дар YouTube дар режими онлайн намоиш дода шуд.

Аввал сенаторон ҳисоботи Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон дар бораи иҷрои Буҷаи давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон бинобар натиҷаи соли 2021-ум ва чоряки аввали соли 2022-юм муҳокима карданд.

Таъкид гардид, ки дар натиҷаи сари вақт гузаронидани сиёсати фискалӣ ва пуливу вомӣ дар ҷумҳурӣ суръати афзоиши иқтисодиёт дар соли 2021-ум 7,4 фоизро ташкил дод. Дар чоряки 1-уми соли 2022 афзоиши Маҷмўи маҳсулоти дохилӣ 5,87 фоиз таъмин карда шуд.

Ҳаҷми даромадҳои Буҷаи давлатӣ дар соли 2021 нисбати соли гузашта анқариб 32 триллион сўм афзуд. Суръати мусбати афзоиш дар чоряки якуми соли равон низ нигоҳ дошта шуд. Дар чоряки I-и соли 2022 даромади Буҷаи давлатӣ нисбати то ҳамин давраи соли гузашта 8 триллион сўм зиёд гардид.

Таъкид шуд, ки ба афзоиши даромадҳои Буҷаи давлатӣ вусъат додани пойгоҳи андоз аз ҳисоби дигаргуниҳои сиёсати андоз тўли солҳои охир, ислоҳоте, ки дар соҳаҳои иқтисодиёт татбиқ шуданд, таъсир расониданд.

Молиявикунонии хароҷоти Буҷаи давлатӣ таъмин карда шуд. Чунончӣ, соли 2021-ум барои нигоҳ доштан ва инкишоф додани муассисаҳои низоми таълим, ки қисмати асосии хароҷоти иҷтимоиро ташкил медиҳанд, аз Буҷаи давлатӣ дар ҳаҷми 39 триллиону 641 миллиард сўм маблағ равона гардид. Ғайр аз ин дар соли 2021-ум барои нигаҳдории тандурустӣ нисбати соли 2020-ум 20 фоиз бештар маблағ ҷудо карда шуд.

(Давомаш дар саҳ.3). ⇨

*Дар деҳаи кўҳии Чодаки ноҳияи Попи вилояти Наманган 120 хонавода ба иморатҳои замонавӣ кўчиданд. Барои онҳо се бинои бисёрошёнаи истиқоматӣ барои 120 хонадон ба баҳрабардорӣ супурда шуд.*

*Ба ин муносибат маросиме баргузор гардид, ки дар он ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов, инчунин роҳбарони секторҳо, фаъолон ва аҳли маҳалла иштирок намуданд. Ба соҳибони хонаҳои нав ба тарзи тантанавӣ калиди хонаҳо супурда шуда, орзуҳои нек таманно гардид.*

*Бобати инкишоф додани деҳаи Чодак, баланд бардоштани дараҷаи ҳаёти аҳолӣ чораҳои амалӣ андешида мешаванд ва ин корҳо идома доранд.*

***Суратгир: Ҳ.МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***





**ФИКРИ ДЕПУТАТ**

## МАҲСУЛОТИ МАҲАЛЛИИ МО ДАР БОЗОРИ ҶАҲОНӢ РАҚОБАТПАЗИР ХОҲАД БУД

***Агар шаш сол пеш дар кишвари мо пахтаи хоми истеҳсолшуда 37 фоизро ташкил дода бошад, имрўз Ўзбекистон ба иқтидори азнавкоркарди 100 фоиз нахи пахтаи худ соҳиб гардид. Сабаб дар он аст, ки нахи пахтаро ҳаматарафа кор карда, ба сифати маҳсулоти тайёр ба бозор баровардан назар ба фурўши нах ва ресмон чанд баробар фоиданок аст.***

Ин аст, ки солҳои охир дар кишвари мо ба коркарди нахи пахта ва аз он истеҳсол намудани маҳсулоти тайёри хушсифату арзон, бахусус афзоиши ҳаҷми содирот аҳамияти калон дода мешавад.

Хусусан, бо ташаббуси роҳбари давлатамон дар ин соҳа пурра низоми кластер ҷорӣ карда шуда, дар тўли се соли охир дар натиҷаи ба кластери пахтаву нассоҷӣ ҷудо карда шудани беш аз 23 триллион сўм маблағҳои имтиёзнок имрўз дар соҳаи бофандагӣ зиёда аз 7,3 ҳазор субъекти мустақили хоҷагидорӣ фаъолият нишон медиҳад. Аз ҳама муҳимаш, ҳазорон оилаҳо тавассути барномаҳои «Дафтари оҳанин», «Дафтари занон» ва «Дафтари ҷавонон» бо мошинҳои дарздузӣ таъмин гардида, ба кор шурўъ намуданд.

Ба туфайли ислоҳоти иқтисодӣ, ки таҳти раҳбарии Президентамон татбиқ мегарданд, маҳсулоти бофандагии дар Ўзбекистон тайёршуда на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар бозори ҷаҳон серхаридор аст. Аз ҳама муҳимаш имрўз маҳсулоти мо ба тамоми қитъаҳои ҷаҳон фиристода мешавад.

Аз ҷумла, 27 кишвари Аврупо, аз қабили Англия, Фаронса, Италия, Олмон, Португалия, Испания, Нидерландия ва 8 кишвари қитъаи Амрико, аз қабили ИМА, Канада, Бразилия маҳсулоти моро харид мекунанд. Маҳсулоти нассоҷии мо аллакай дар зиёда аз 20 кишвари Осиё, аз қабили Ҷопон, Корея, Чин, Ҳиндустон харидорони худро пайдо кардааст.

Табиист, ки ба содиркунандагони матоъҳои нассоҷии рангкардашуда ва газвор то 10 фоиз субсидия дода мешавад, дар асоси фармоиш барои ба хориҷа фиристодани маҳсулоти тайёр рейсҳои алоҳида ташкил карда мешаванд, ки ба чандин баробар зиёд шудани ҳаҷми содирот хидмат мекунанд.

Саноати бофандагӣ дар таъмин намудан ҳам бо ашёи хом, ҳам содирот ва ҳам бо кор таъмин намудани аҳолӣ имкониятҳои калон дорад. Ҳоло дар ин соҳа 400 ҳазор нафар кор мекунанд. Агар тамоми низом дар асоси илм ва технологияи муосир дуруст ташкил карда шавад, миқдори ҷойҳои кориро ба 1 миллион расондан мумкин аст.

Дар ҷамъомади видеоселекторӣ, ки ба муносибати тадбирҳои баланд бардоштани ҳосилнокии пахта ва зиёд кардани содироти маҳсулоти бофандагӣ барпо гардид, бесабаб вазифа гузошта нашуд, ки пахтаро ҳаматарафа кор карда, экспорти соҳаро камаш ду баробар зиёд кунем. Зеро дар мамлакати мо барои рушди ин соҳа тамоми шароиту имкониятҳо мавҷуданд.

Инчунин, аз ҳисоби тухмипарварӣ ва агротехнологияҳои ба илм асосёфта, имкониятҳои кофӣ барои баланд бардоштани ҳосили пахта, коркарди амиқи нах ва ду баробар зиёд намудани содироти соҳа вуҷуд доранд. Корҳое, ки дар самти рушди соҳа анҷом дода мешаванд, имкон медиҳанд, ки пахта аз ҷониби корхонаю кластерҳои нассоҷӣ амиқ коркард шуда мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ истеҳсоли маҳсулоти тайёри нассоҷӣ ба роҳ монда шавад.

Умуман, солҳои охир дар саноати бофандагии мамлакати мо дигаргуниҳои миқдорӣ ва сифатӣ ба амал омаданд. Вазифаҳои дар ҷамъомад муайяншуда, бешубҳа ба ҳазорҳо ҷойи корӣ офаридан дар соҳа, беҳтар гардондани шароити зиндагии мардум ва боз ҳам баланд бардоштани иқтидори содироти мамлакат хидмат мекунанд.

**Одинахон ОТАХОНОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

**Лоиҳаи Қонуни Асосӣ – дар муҳокима**

## ОБ ҲАМ БА ҲИМОЯ МУҲТОҶ!

***Ҷараёни сиёсии муҳими такмили Қонуни асосиро, ки дар кишвар идома дорад, аз назар гузаронида ба хулосае омадам, дар тағйироте, ки ба масъалаҳои соҳаи экологӣ дахл доранд, аз ҷумла, қисман бошад ҳам, ба ҳалли муаммоҳои об эътибори алоҳида медоданд, айни муддао мебуд.***

Аз ҷумла, таклифи кор карда баровардани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ бобати ба тартиб даровардани фаъолияти комиссияи доимӣ оид ба дида баромадани таклифҳои марбути ҳифзи об дар ҳудудҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрии тасдиқкунандаи ҳуқуқ ва маҷбурияти онҳо дода шудааст. То ҳол ҳудудҳои ҳифзи об нишон дода нашудааст. Новобаста ба саъю ҳаракати масъулон дар ҷойҳо корҳои ғайриқонунии сохтмон бурда мешаванд.

Мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии ҳифзшаванда» ҳангоми ҷудокунӣ ва банақшагирии заминҳои хоҷагиҳои ҳудуди аҳолинишин бо маслиҳати идораҳои ҳифзи об ва назорати санитарӣ, ҳифзи муҳити атроф ва экология кор бурда мешавад. Баъзан ба ин ҳолат эътибор намедиҳанд. Аз ин рў, агар назорати комиссия ташкил карда шавад, ҳудудҳои ҳифзи об сари вақт ба фаъолияти ғайриқонунӣ рахна мезананд ва масъулияти шаҳрвандон дар ин ҷода меафзояд.

Аз боиси набудани ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба ҳалли масъалаҳое, ки шаҳрвандон доир ба маскани ҳои дамгирии ғайриқонунии дар атрофи сой, ҷўйбор ва каналҳо сохтаи соҳибкорон ва ба ҳангоми тозакунии ин мавзеъҳои обӣ ба монеъгиҳо дучор шудан муроҷиат мекунанд, душвориҳо пеш меоянд.

**Марғубахон МУХТОРХОНОВА,**
**раиси шўрои ноҳияи Чусти Ҳизби экологияи Ўзбекистон.**

# «МАТБУОТИ НАВ»-И ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

***Демократия чизи нав нест. Ба омӯхтани мазмуну моҳият ва баҳри ба амал татбиқ намудани ин мафҳум кайҳо шурӯъ карда ва то ҳадде муваффақ ҳам шудаанд, вале ҳамзамонҳои мо онро ҳанӯз меомӯзанд, ба маъние худро шогирди мактаби демократия меҳисобанд. Президент дар муборакбодӣ ба кормандони матбуот ва расонаҳои ахбори оммавӣ, аз ҷумла, таъкид сохт: «Мо набояд як ҳақиқатро фаромӯш кунем: ҳамаи мо шогирдони мактаби бузурги ба ном демократия мебошем. Мо бояд дар ин роҳ ба муваффақиятҳои калон ноил шавем».***

Зимнан, соҳиби яке аз пешаҳои наҷиб – кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ нафақат демократияро меомӯзанд, балки барои ба омма омӯзонидани он донишу истеъдод ва маҳорати касбии худро сафарбар менамоянд. Мақсади асосии онҳо – саҳм гузоштан дар таъмини ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон, гиромидошти қадри инсон, васеъ гардондани ҷаҳонбинии ҳамватанҳо ва баланд бардоштани сатҳи худшиносии эшон мебошад. Медиасоҳа бошад, аз ҷониби давлат пуштбонӣ меёбад. Дар шароити нави таърихӣ бачашмрасии фазои ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар ҷомеа ҳамзамонҳоеро, ки диди васеъ ва нияти холис доранд, рӯҳбаландӣ мебахшад.

Шумораи воситаҳои ахбори оммавӣ дар Ўзбекистон альон ба 1962 адад расидааст, ҷойгоҳи муҳими расонаҳои хусусиро, ки таъмингари гуногунандешӣ дар ҳаёти ҷамъиятанд, барьало ҳис кардан мумкин, платформаи интернетӣ торафт равнақ меёбад. Вале муддао нишон додани миқдор нест, мақсади ниҳоӣ баланд бардоштани нишондиҳандаи сифатист.

ВАО-ро барҳақ ба кӯпруки боэътимоди муколама байни ҳукумат ва мардум нисбат медиҳанд, ки ин беҳуда нест. Дар натиҷаи татбиқи ислоҳот дар соҳаҳои гуногун навсозӣ ва дигаргуниҳои бузург ба амал мебароянд, ходимони ВАО бошанд, дар сафи пеши ҷомеа қарор дошта, дар фаҳмонидани мазмуну моҳияти қонун ва қарорҳои қабулшуда ба аҳолӣ, хабардорсозӣ аз навигариҳо дар давраи бо шиддат тағйирёбанда вақт ва қувваи худро дареғ намедоранд. Маънии рӯзгор ва шиори ҳаётиашон – тезкорию равшансозии холисона. Муҳофизони манфиатҳои миллӣ дар фазои иттилооти ҷаҳонӣ низ, гуфтан мумкин, дар навбати аввал рӯзноманигорон мебошанд.

Сир нест, ки хидматрасонии иттилоотӣ имрӯз дар асоси тамоюли бозаргонӣ татбиқ мегардад ва ба он меоварад байни ВАО рақобат ба вуҷуд омада, дар майдони медиа ҳамоне худро нишон дода метавонад, ки заминаи моддию техникии мустаҳкам дорад. Дар давраи ба марҳилаи нави муҳими рушди худ қадамгузории Ўзбекистон давлат расонаҳои хабариро аз нигоҳи моддию маънавӣ пуштбонӣ менамояд. Рақобат байни ВАО бошад, торафт солимӣ касб намуда, анъанаҳои азалии «устоду шогирд» дар матбуоти озод ва демократӣ аз нав барқарор мегарданд. Аҳамияти махсуси сиёсиро молик будани озодии матбуот дар байни ҳамаи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ба касе сир набуда, он тамоюли аз тарафи умум эътирофшудаи байналхалқӣ низ мебошад. Вале ҷонибҳои мушкил ва мураккаб низ дорад ин «озодӣ», ки зумрае онро бо ваҷаби хун чен ва ба таври худ эзоҳ дода, саъй мекунанд аз ин восита ғаразнок низ истифода баранд. Дар шароите, ки озодии баён ва матбуот ҳамеша аз ҷониби Конститутсия ва роҳбари давлат таҳти ҳимоят қарор дорад, баъзан чӣ хабарҳои фитнаангезе паҳн намекунанд шабакаҳои иҷтимоӣ «Дурӯғҳои интернет» мавзӯи гуфтугӯи алоҳидаест. Фитнакорон интернетро «шаҳри бедарвоза» пиндоштаю бе пушт-пушт ба он ворид шуда, аз имкониятҳои «озодии сухан» сӯиистифода мекунанду халос. Нияти сиёҳи онҳо чун рӯз равшан: обро лой карда, моҳӣ доштан. Бо «лайк», ки пахш мешавад, бештар овоз ҷамъ кардану зиёдтар сарват ғун кардан. Ба фикр ва андешаҳои танқидӣ касе муқобил не. Ҳарчанд талх аст, танқид «меваи ширин» дорад, вомедорад норасоиҳо саривақт бартараф карда шаванд, масъулҳо минбаъд доништа кор кунанд, минбаъд ба саҳлангорӣ роҳ нагузоранд. Вале мо гувоҳ мегардем, баромад ва муроҷиатҳои видеоӣ аз тариқи интернет аксар маврид аз ношукрию нолиш, шикоятҳои беасос, буҳтону ғайбат ба сари роҳбарон иборат мебошанду халос. Чаро ин дараҷа беандешаем ва яктарафа фикр баён мекунем? «Тарафи дигар»-и тангаро дидан намехоҳем?

Дуруст, норасоӣ мавҷуд. Мушкилоте, ки мардум, алалхусус мардуми оддиро азият медиҳад, хеле зиёд. Вале ба ғазаб ва ҳиссиёт дода шуда, киҳоеро «ба замин занем», оё масъалаҳо ҳал мешаванд?

Дар шароити нави таърихӣ монеъ шудан ба фаъолияти озодонаи қонунии кормандони ВАО – ин зид будан ба ислоҳоти демократӣ, зарар расонӣ ба қудрати кишвар ҳисобида мешавад, ки ин маъниро низ хотиррасон карда гузаштааст роҳбари давлати мо.

Ба наздикӣ қарори Президент «Дар бораи чораҳо оид ба дастгирии воситаҳои ахбори оммавӣ ва рушди соҳаи журналистика» қабул гардид, ки он дар навбати аввал ба минбаъд ҳам беҳтар намудани пойгоҳи моддӣ-техникии соҳа ва дастгирии моддии рӯзноманигорон нигаронида шудааст. Фикр мекунем, ҳуҷҷати баимзорасидаро ходимони соҳа дер боз интизорӣ доштанд. Бовар доранд татбиқи нуктаҳои он, ки ҳалли мушкилоту эҳтиёҷоти моддию маънавии аҳли қаламро ба назар гирифтаанд, дар ҳаёти рӯзноманигориашон воқеаи муҳим хоҳад гашт. Хусусан, моддаҳое қобили таваҷҷуҳ, ки ҳавасмандгардонии мунтазами рӯзноманигарони фаъолро фаро гирифта, фазои рақобати солим дар соҳаро ташаккул мебахшанд.

Дар ҷое, ки меҳнат қадр ёфт ва ҳавасмандию рағбат мавҷуд, кор пеш меравад. Фақат ҳамин аст, ки озмун ва баҳогузориҳо воқеан дар асоси принсипҳои демократӣ ва фазои ошкорову шаффоф бояд сурат гиранд. Ҳайат аз ҳисоби инсонҳои ҳалол ва мутахассисони воқеии соҳа таркиб ёбад, ба тарафгирию шиносбозӣ ва иллатҳои коррупсионӣ роҳ гузошта нашавад.

Акнун имконият фароҳам меояд рӯзноманигорони мо дар хориҷ таҷриба омӯзанд ва маҳорат такмил диҳанд, манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқи журналистон мавриди ҳимояи давлатӣ қарор ёбад, масъалаи манзил ва таъмини фароғати аҳли қалам, проблемаҳое, ки ба гаронии нашрияҳо сабаб мешаванд, то андозае ҳаллу фасл гарданд. Бинои «Матбуот уйи» воқеъ дар кӯчаи Матбуотчилари пойтахт низ тарҳи замонавӣ касб ва шароити мусоиди корӣ барои рӯзноманигорон фароҳам оварда мешавад. Он рӯз дер нест, ки коргоҳи аҳли матбуот ба медиашаҳраки зебои замонавӣ табдил ёбад. Ўзбекистони Нав бо «матбуоти нав»-и худ низ арзи ҳастӣ мекунад.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.**

---

Дар арзҳои дӯстӣ

***Рӯзҳои фарҳанги ноҳияи Боткенти вилояти Боткенти Ҷумҳурии Қирғизистон дар ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона ба иди дӯстиву рафоқат, ҳамҷаворӣ ва ҳамсоядории неки миёни ду халқ табдил ёфт. Як гурӯҳ меҳмонони қирғизистонӣ таҳти раёсати Марифҷон Тӯлаев – намояндаи хоси Президенти Қирғизистон дар вилояти Боткент барои ширкат дар рӯзҳои фарҳанг вориди ноҳияи Сӯх шуданд.***



# ОДАМОН АЗ ДЎСТӢ ЁБАНД БАХТ

Дар долони кохи фарҳанг як гурӯҳ занҳои қирғиз қолину палосҳои гуногуни ранга, либосҳои миллӣ ва намунаҳои дигари маҳсулоти дастии ҳунармандии мардуми худро ба намоиш гузошта буданд. Дар як тараф аз ҷониби аҳли ҳунар таронаҳои қирғизӣ садо медод. Дар чеҳраи мардум шодиву тараб гул мекард. Ҳувайдо буд, ки рӯзҳои фарҳангро таҳти унвони “Санъат кӯпруки дӯстист” кайҳо боз мизбонон интизоранд.

Ҳокими ноҳияи Сӯх Сайидбаҳром Сайидмӯсоев меҳмононро хайрамақдам гуфт.

– Президентони Ўзбекистону Қирғизистон ба манзури мустаҳкам шудани ҳамкориҳои миёни ду кишвар, ки соҳаҳои гуногунро фаро гирифтааст, инчунин таҳкими ҳамсоядории нек ҳамеша талошҳои зиёд ба харҷ медиҳанд ва моро низ ба иҷрои ин кор ҳидоят месозанд. Ҷойи муболиға нест агар гӯям, ки дар таърихи касби истиқлоли ин ду кишвари ҳамҷавор бори нахуст Рӯзҳои фарҳанги ноҳияи Боткент дар ноҳияи Сӯхи мо баргузор гардид. Мардум низ меҳмонони худро бо чеҳраҳои кушод ва хеле гарму ҷӯшон пазироӣ намуд,– гуфт С. Сайидмӯсоев.

– Ман ба наздикӣ аз тарафи Президент Садир Ҷаборов ҳокими ноҳияи Боткенти вилояти Боткент таъин шудам. Ман зодаи ҳамин марзу бум ҳастам ва шароити ин ҷоро хеле хуб медонам. Рӯзҳои фарҳанги ноҳияи Боткент дар ноҳияи Сӯх аввалин маросими байналмилалист, ки ба сифати ҳоким дар он ширкат мекунам. Воқеъан, ин маросими бошукӯҳ бори дигар собит менамояд, ки мо бе ҳамдигар буда наметавонем,– изҳор намуд ҳокими ноҳияи Боткент Учқун Ҷӯрабоев.



Вай изофа кард, ки ҳамеша ба мардуми деҳоти ноҳияи Сӯх арҷу эҳтиром гузоштааст ва минбаъд низ ба ҳамин анъанаи худ содиқ хоҳад монд.

– Обу ҳаво, минтақаи сукунат ва ҳатто қабристони мардуми мо муштарак мебошад. Медонам, ки ҳоло як қатор масъалаҳои мубраму ҳалношуда мардуми моро азият медиҳад. Бо ҳамтои худ — ҳокими ноҳияи Сӯх С. Сайидмӯсоев дар ин замина иҷрои як қатор корҳоро барномарезӣ кардаем, ки маҳз ҷиҳати бартарафсозии ҳамин масъалаву муаммоҳо нигаронида шудаанд,– қайд намуд У. Ҷӯрабоев.

Дар ин маросим эълон гардид, ки тоҷирону соҳибкорони сӯхӣ метавонанд дар бозорҳои маркази вилояти Боткент машғули тиҷорату савдо шаванд, бо ҳамтоёни қирғизи худ ҳамкориҳои тиҷоратиро ба роҳ монанд. Дар ин замина имкон низ фароҳам хоҳад омад, ки мусофирони сӯхӣ бо роҳи наздиктарин ба марзи Тоҷикистон гузаранд.

Баъд байни ҳокимиятҳои ду ноҳияи ҳаммарз оид ба рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ ва варзишӣ Ёддошти тафоҳум ба имзо расид. Инчунин як қатор меҳмонон аз кишвари ҳамсоя бо тӯҳфаҳои хотиравии ҳокимияти ноҳияи Сӯх сарфароз гардиданд. Ҳокимияти ноҳияи Боткент низ аз ин раванд дар канор намонд ва чанд тӯҳфаи нодири онҳо ба осорхонаи ҳокимияти ноҳияи Сӯх супурда шуд.

Бар асоси ин ёддошт қарор аст, ки дар ноҳияи Боткент Рӯзҳои фарҳанги ноҳияи Сӯх баргузор гардад.

Дарҳақиқат, баргузории ин чорабинӣ барои мардуми зиёди ду самти марз шӯълаи умед бахшид ва ин сабабҳои худро дорад...

Устод Мирзо Турсунзода беҳуда нагуфтааст:

*Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,*
*Душманӣ орад ба мардум*
*рӯзи сахт.*

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

---

## ХАБАРҲО

### «103» шуморо мешунавад

***Хидмати тиббӣ аз тариқи «Ёрии таъҷилӣ» торафт хушсифат мегардад. Минҷумла, дар пойтахт баъди чанд дақиқаи муроҷиат расидани кумаки аввалинро гувоҳ мешавем.***

Навъе хидмати ахбори Вазорати тандурустӣ маълум намуда, ба хидмати «103» дар ҷумҳурӣ тӯли 6 моҳи аввали соли равон ҷамъ 6 миллиону 245 ҳазору 280 даъват афтодааст. Аз байни даъваткунандагон 570 ҳазору 817 нафарашон ба шифохонаҳо хобонда шудаанд.

Назар ба маълумоти роҳбари Маркази ҳамоҳангсозии хидмати кумаки тиббии таъҷилӣ Д.Йўлдошев, бо гумони дучор шудан ба коронавирус 11 ҳазору 157-то даъват фуромадааст. Ба гуфтаи ӯ ҳолатҳои беморӣ ба ин иллат ва муроҷиат ба хидмати «103» дар ҳафтаҳои охир зиёд шудааст. Ин водор сохта, ки дар саросари ҷумҳурӣ бригадаҳои кумаки тиббии таъҷилии ихчамшуда ташкил карда шаванд. Ин барои зудтар ба манзили бемор расида рафтан ва пешгирии ҳолатҳои ногувор мусоидат менамояд.

### Ҳам ифтихор ва ҳам масъулият

***Дар сессияи 9-уми Сарассамблеяи давлатҳое, ки узви конвенсия «Дар бораи ҳифзи мероси мадании ғайримоддӣ» мебошанд, ҷумҳурии мо ба узвияти Кумитаи байниҳукуматӣ оиди муҳофизати мероси мадании ғайримоддӣ пазируфта шуд.***

Ҷамъомад дар Сарқароргоҳи ЮНЕСКО (Париж) рӯйи кор омад.

Назар ба хабари Агентии сайёҳӣ ва мероси маданӣ, Ўзбекистон тӯли солҳои 2022-2026 ба сифати узви кумита фаъолият пеш мебарад.

Дар гурӯҳи дуюми интихоботии минтақавии ЮНЕСКО (Аврупои Шарқӣ ва баъзе давлатҳои ИДМ) барои ду ҷои холӣ панҷ номзад – Ўзбекистон, Булғория, Босния ва Герсеговина, Словакия ва Эстония байни худ мубориза бурданд. Дар байни номзадҳо овози аз ҳама зиёдро (105) Ўзбекистон гирифт.

– Ин барои мо ҳам фахр, ҳам масъулият, – гуфт вазири сайёҳӣ ва мероси маданӣ Азиз Абдуҳакимов. – Ўзбекистон, албатта, бовариро сазовор мегардад».

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

---

ФУТБОЛ

***Дар баҳси финалии даври вилоятӣ барои ҷоми раиси Хидмати амнияти давлатӣ доир ба футбол, ки дар варзишгоҳи “АГМК”-и шаҳри Олмалиқи вилояти Тошканд баргузор шуд, намояндагони ду ноҳия – дастаи “Дӯстлик”-и ноҳияи Бӯка ва “Қарахитой”-и ноҳияи Оҳангарон барои ба даст овардани пирӯзӣ ва роҳхат ба даври ҷумҳуриявии мусобиқа талош варзиданд.***



# «ДЎСТЛИК» СОҲИБИ ҶОМ ШУД

Дар ин мусобиқаи пур аз талош футболбозони ҳар ду даста ҳунарнамоии хуб нишон доданд. Вале бӯкагиҳо ба дарвозаи рақиби худ 3 голи беҷавоб зада, ғалабаро ба даст оварданд. Муҳити варзишгоҳи мазкур аз ҷониби мухлисони Бӯка ранги дигар гирифт.

Ҷоизи қайд аст, ки дар мусобиқаи футбол ва мини-футбол барои ҷоми раиси ХАД дар миқёси вилояти Тошканд ҷамъ 1020 ҷамоа дар сабқати футбол, 1020 дастаи дар мусобиқаи мини-футбол барои ба даст овардани ғолибият талош варзиданд. Беш аз 28 ҳазору 500 нафар ҷавонони аз 16 то 30-сола барои ҳифзи муносиби маҳаллаи худ дар доираи имкон ҳаракат намуданд.

Мусобиқаи мазкур албатта, ба муттаҳид намудани ҷавонони бешуғл, имконияти ҷисмониашон маҳдуд, тарғиб намудани тарзи ҳаёти солим, бо варзиш шуғл варзидани ҷавонон ва кашфи соҳибистеъдодҳо хидмат мекунад.

**М. ҚОДИРЗОДА,**
*вилояти ТОШКАНД.*

---

# КЎМАКИ МОДДӢ БА НОҲИЯИ ТАХТАКЎПИР

***Вилояти Ҷиззах барои бунёд кардани объектҳои иҷтимоӣ, таъмиру тармими он дар ноҳияи Тахтакӯпири Ҷумҳурии Қароқалпоқистон масъул мебошад. Бинобар ин ҳамин шабу рӯз ҳамчун кӯмаки моддӣ ба ноҳияи мазкур бо қимати 200 миллион сӯм маҳсулоти хӯроквори ва сарулибос фиристонда шуд.***

Чизҳои фиристондашуда пеш аз ҳама ба оилаҳои эҳтиёҷманд ва ба кумаку дастгирӣ мӯҳтоҷ дода мешавад. Тавре ки аз дафтари хидмати ахбори ҳокимияти шаҳри Ҷиззах маълум карданд, шаш тонна картошка, панҷ тонна шакар, панҷ тонна биринҷ ва 40 миллион сӯмина пӯшок равон карда шуд.

– Мардуми мо ҳамеша барои кумаку дастгирии бародарони қароқалпоқи худ омодаанд ва дар ин роҳ ҳиммати хешро дареғ намедоранд, – мегӯянд соҳибкорони ҷиззахӣ, ки дар бозорҳо фаъолият мебаранд.

Бояд гуфт, ки ба ин кумаки моддӣ, равон кардани корвони мошин соҳибкорони шаҳри Ҷиззах бештар ҳиммат зоҳир намуданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

---

# ОҚИЛОНА ИСТИФОДА НАМУДАН АЗ ОБИ ҲАЁТ

### *ё худ об зару оброн заргар аст*

***Дар вилояти Сирдарё барои обёрии майдонҳои кишт ва рӯёндани ҳосили фаровон ба миқдори кофӣ об мавҷуд аст. Танҳо бояд пеши исрофкории обро гирифтан, дар деҳоту маҳалҳо барои дар шуури одамон ҷойгир кардани мафҳуми об – зар, оброн – заргар, назорати доимии ҷамоатиро ҷорӣ кард.***

Ҳам дар деҳқон ва ҳам дар соҳиби замини назди ҳавлӣ бояд маданияти сарфакорона аз об истифода бурданро ташаккул дод. Дар ноҳияҳои Сардоба, Боёвут ва Гулистон ҳолатҳои аз захираҳои об ғайриқонунӣ истифода бурдан, ҳангоми обёрии майдонҳои кишт ба исрофкорӣ роҳ додан мушоҳида гардиданд.

Дар сессияи шӯрои депутатҳои халқи вилоят дар ин хусус маълумот дода шуд ва масъалаҳои вобаста ба оқилона истифода бурдан аз захираҳои об, рӯёндани ҳосили кафолатнок аз кишти хоҷагии қишлоқ, аз он ҷумла ниҳолҳои пахта муҳокима гардид.

Дар сессия, ки таҳти роҳбарии ҳокими вилоят Ғафурҷон Мирзоев дар шакли видеоселектор созмон дода шуд, дар хусуси бегуфтугӯ таъмин кардани иҷрои вазифаҳои муҳиме, ки роҳбари давлатамон дар ҷамъомади видеоселекторӣ доир ба дараву ҷамъоварии ғалла, рӯёндани ҳосили фаровон аз ниҳолҳои пахта, ба роҳ монданни кишти дубора ва оқилона истифода бурдан аз захираҳои об муайян карда буд, табодули афкор ба амал омад.

Ғ. Мирзоев таъкид намуд, ки муътадил омадани зимистони соли равон ва хушку салқин омадани фасли баҳор дар парвариши кишт як қатор муаммоҳоро ба миён овард. Ин ҳолат тақозо дорад, ки доир ба сарфакорона истифода бурдан аз захираҳои об ва рӯёндани ҳосили зиёди кафолатнок аз майдонҳои кишти пахта чорабиниҳо андешида шаванд.

Дар сессия таъкид гардид, ки дар байни аҳолии вилоят барои роҳ надодан ба исрофкории об, дар ҳудудҳо оқилона истифода бурдан аз оби ҳаёт, расидан ба қадри ҳар як қатраи он бояд корҳои тарғиботиро васеъ ба роҳ монд. Доир ба татбиқи чорабиниҳои иловагӣ оиди дар маҳалҳо роҳандозӣ кардани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, тоза кардани каналҳои байни хоҷагиҳо, таъмини гидропост ва иншооти гидротехникии каналҳои байни хоҷагиҳо, қабл аз вегетатсияи ниҳолҳои пахта аз ҳисоби маблағҳои иттиҳодияи истеъмолгарони об ва хоҷагиҳои фермерӣ тоза кардани шабакаҳои обёрикунанда, кашидани нақшаи сохтани нуқтаҳои обгирӣ, нақшаи дар мавсими обёрӣ об додани пахта ва дигар зироат, аз об оқилона истифода бурдан, рӯёндани ҳосили кафолатнок аз ниҳолҳои пахта гурӯҳи оқсақолон ташкил карда шуд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

# ХАБАРИ МУХТАСАР

## ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ УМУМИИ БИСТУ ҲАШТУМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Даромади буҷаҳои маҳаллӣ дар соли 2021-ум дар қиёс бо нишондиҳандаҳои ибтидоии пешакӣ 119 фоизро ташкил дод, дар чоряки якуми соли 2022-юм бошад, 112 фоиз гардид. Хароҷоти буҷаҳои маҳаллӣ низ дар қиёс бо нақша 111 фоиз иҷро шуд ва 65,5 триллион сўмро ташкил дод.

Аъзои Сенат дар ҷараёни муҳокима ба дараҷаи ҷамъоварии андозҳо ҳангоми иҷрои пешбинишудаи даромадҳои Буҷаи давлатӣ, ки аз ҷониби мақомоти андоз ва гумрук муқаррар карда шудаанд, ба масъалаи коҳиш додани қарздории андоз ва пардохтҳои изофавӣ эътибор доданд.

Ҳамчунин камбудиҳо дар иҷрои буҷаҳои маҳаллӣ ва истифодаи мақсадноки даромадҳое, ки беш аз пешгӯии муқарраршуда мерасанд, таъкид гардид.

Сенаторон ҳамчунин муносибати худро вобаста ба афкори умум бобати бар иловаи пешбинӣ иҷро шудани қисмати буҷаҳои маҳаллӣ аз тариқи портали «Буҷаи кушод» иброз доштанд ва зарурияти таъмин сохтани шаффофияту иштироки васеи шаҳрвандонро таъкид карданд.

Зикр шуд, ки дар таъмин сохтани иҷрои даромад ва харҷҳои Буҷаи давлатӣ, истифодаи самарабахш ва мақсадноки маблағи фондҳои мақсадноки буҷаи давлатӣ ба камбудиҳо роҳ дода шудаанд, ба чунин масъалаҳои рўзмарра, аз ҷумла нуқсонҳои роҳдодашуда, чораҳо бинобар пешгирӣ ва ҳаллу фасли онҳо эътибор дода шуд.

Аз ҷумла, қарздорӣ (норасоӣ) дар назди буҷа то 1 январи соли 2022 дар қиёс бо ҳамин давраи соли 2021-ум 1,7 баробар зиёд шудааст, қарзи андози андозсупорандагони бузург 3,5 баробар афзудааст. Аз 2 триллиону 28 миллиард сўме, ки барои молиявикунонии барномаҳои таъмини аҳолӣ бо манзил ҷудо карда шудаанд, танҳо 29,5 фоизашон аз худ гардидаанд.

Сенаторон ҳамчунин аз он изҳори ташвиш карданд, ки супоришдиҳандагони давлатӣ усулҳои рақобатбардори хариду фурўшро истифода намебаранд, бо вайрон кардани қонунгузорӣ  қарордодҳои бевоситаро имзо мекунанд. Вобаста ба ин дар бораи зарурияти муҳокимаи ходимони масъуле, ки дар ин бобат ба камбудиҳо роҳ медиҳанд, тавсияҳои дахлдор дода шуданд.

Дар 5380 ё худ 75 фоизи тадбирҳое, ки нисбати 7133 назорати молиявӣ бобати риоя ба интизоми буҷет, ҳамчунин истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷа гузаронида шуданд, 122 миллиарду 800 миллион сўмина камомад, 949 миллиарду 300 миллион сўмина хароҷоти ғайриқонунӣ муайян карда шуданд.

Аз ҷониби Жокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, Шўрои депутатҳои халқии вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, ноҳияҳо ва шаҳрҳо вобаста ба тағйироти нишондиҳандаҳои пешакӣ оид ба даромадҳо қарорҳои зарурӣ қабул карда нашудаанд.

Бинобар масъалаҳои муҳокимашуда қарори дахлдори Сенат қабул карда шуд.

Сипас сенаторон Қонун «Дар бораи машварати андоз», ки ба ташаккули идораи мушовирони андоз, танзими муносибатҳо дар соҳаи мушовирати андоз ва ташкили низоми хидматрасонии тахассусӣ ба андозсупорандагон бинобар машварати андоз нигаронида шудааст, баррасӣ карданд.

Мувофиқи қонун ваколати оид ба танзими соҳаи машварати андоз ба Палатаи мушовирони андози Ўзбекистон, ки созмони ҷамъиятӣ ба шумор меравад, дода мешавад.

Муқаррар карда мешавад, ки Палата иттиҳодияи касбие мебошад, ки дар пояи узвияти ихтиёрии мушовирони андоз, созмонҳои мушовирони андоз, ки вазифаи оид ба рушд ва ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар соҳаи машварати андоз иҷро мекунанд, ташкил мегардад.

Вобаста ба ин ба Палатаи мушовирони андоз вазифаҳои мазкури асосии Вазорати молия, аз ҷумла додан, расми кунонидан, қатъ кардани сертификати мушовири андоз, баланд бардоштани дараҷаи касбии мушовирони андоз дода мешавад.

Мувофиқи қонун пешбинӣ мегардад, ки ҳангоми аз байн бурдани андозсупоранда бо муомилоти солонаи то як миллиард сўм дар тўли 3 соли охир муоҳида бинобар маслиҳати андоз, ки аз ҷониби ташкилоти мушовирони андоз дода шудааст,  аз тарафи мақомоти андоз эътироф карда мешавад.

Таъкид шуд, ки амали сертификати ихтисосӣ барои мушовирони андоз, ки дар штати ашхоси ҳуқуқӣ, созмонҳои аудиторӣ, дигар ашхоси ҳуқуқӣ, ки хидматҳои муҳосибӣ мерасонанд, ҳамчунин бинобар ҷои асосии кор дар мақомоти давлатӣ кор мекунанд, боздошта намешавад.

Қонун хелҳои хидматрасонии машварати андозро вусъат медиҳад ва ба мушовирони андоз як қатор ҳуқуқҳоро пешниҳод менамояд. Чунончи, ҳуқуқи пешниҳоди хулосаи маслиҳати андоз ба сифати асос ба судҳо ва мақомоти ҳуқуқу тартибот барои баррасии парвандаҳои вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқии андоз пешниҳод карда мешавад.

Ғайр аз хидматрасонии машварати андоз ташкилоти мушовирони андоз метавонад чунин хидматҳо, аз ҷумла хидматҳои консалтингӣ бобати татбиқ намудани амалиёти содиротиву воридотӣ, таҳлил, экспертиза ва мониторинги лоиҳаҳои сармоявиро пешниҳод намояд.

Сенаторон қонунро маъқул донистанд.

Пас аз ин Қонун «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз вазъиятҳои фавқулоддаи табиӣ ва дорои ҷиҳати техногенӣ» муҳокима гардид.

Дар ҷамъомад аз ҷониби сенаторон қайд гардид, ки Қонуни мазкур бинобар ҳифзи аҳолӣ ва минтақаҳо аз вазъиятҳои фавқулоддаи табиӣ ва дорои ҷиҳати техногенӣ дар кишвари мо ҳамчун барномаи амалиёт хидмат мекунад.

Дар меъёрҳои нави Қонун татбиқи чораҳо бобати аз байн бардоштани вазъиятҳои фавқулодда, маълум кардани онҳо, хабардорсозии аҳолӣ дар бораи хавф, вазифаҳои мушаххаси вазоратҳо, идораҳо ва созмонҳои дигар ҳамчунин роҳбарӣ ба тадбирҳо оид ба аз байн бардоштани вазъиятҳои фавқулодда ва як қатор ҷиҳатҳои дигар мустаҳкам шудаанд.

Зикр мегардад, ки Вазорати оид ба вазъиятҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Ўзбекистон мақомоти махсуси ваколатдори идораи давлатӣ дар соҳаи ҳифз аз вазъиятҳои фавқулодда ба шумор меравад.

Таъмин сохтани иҷрои қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз вазъиятҳои фавқулодда, коркарди нақшаҳо бобати пешбинӣ, пешгирӣ ва аз байн бардоштани вазъиятҳои фавқулодда аз ҷумлаи ваколатҳои он махсуб меёбанд.

Тартиби иштироки мақомоти худидораи шаҳрвандон, созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ ва расонаҳои ахбори оммавӣ дар пешгирии вазъиятҳои фавқулодда  ва аз байн бардоштани онҳо мушаххас карда мешавад.

Аз ҷумла, онҳо метавонанд дар пешгирӣ ва аз байн бардоштани вазъиятҳои фавқулодда иштирок кунанд, назорати ҷамъиятиро барои риоя кардани қонунгузорӣ бобати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз вазъиятҳои фавқулоддаи табиӣ ва дорои ҷиҳати техногенӣ татбиқ намоянд.

Қонуни мазкур ҳамчунин тартиби ташкили захираҳои давлатии молиявӣ ва моддиро барои аз байн бардоштани вазъиятҳои фавқулодда муайян мекунад ва тартиби истифодаи онҳоро мушаххас менамояд.

Тартиби аз байн бардоштан, эълон кардани вазъияти фавқулодда, роҳбарӣ ба корҳо бобати аз байн бардоштани онҳо, ваколати роҳбарони кор оид ба аз байнбардорӣ, ҳамчунин вазифаи вазорату идораҳо (Гвардияи миллӣ, вазоратҳои корҳои дохилӣ, нигаҳдории тандурустӣ, корҳои хориҷӣ, хоҷагии қишлоқ, хоҷагии об, сохтмон, шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ ва ғайра) дар моддаҳои нави алоҳида мушаххас карда шуданд.

Сенаторон Қонуни мазкурро якдилона қабул карданд.

Сипас сенаторон Қонун «Дар бораи дохил кардани тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Ўзбекистон»-ро баррасӣ карданд.

Мувофиқи Қонун муқаррар карда мешавад, ки иштирокдорони минтақаҳои махсуси иқтисодӣ аз андоз барои даромад ба муҳлати аз 3 то 10 сол, бо назардошти ҳаҷми сармояҳои гузоштаи онҳо озод карда мешаванд.

Аз ҷумла, ба Кодекси андоз иловаҳое дохил карда мешаванд, ки мувофиқи онҳо барои сармояҳо дар ҳаҷми аз 3 миллион то 5 миллион долллари ИМА ба муҳлати 3 сол, дар ҳаҷми аз 5 миллион то 15 миллион доллари ИМА ба муҳлати 5 сол ва дар ҳаҷми аз 15 миллион доллари ИМА ва зиёда аз он ба муҳлати 10 сол аз пардохти андоз барои даромад озод карда мешаванд.

Қонун пешбинӣ менамояд, ки қисмати боқимондаи имтиёзҳо бинобар андоз барои даромад, ки аз ҷониби иштирокдорони минтақаҳои махсуси иқтисодӣ баъд аз 1 январи соли 2020-ум истифода нашудаанд, ба кор бурда мешавад.

Таъкид гардид, ки ба шарофати қабули Қонун аъзои минтақаҳои махсуси иқтисодӣ 47,9 миллиард сўмро сарфа менамоянд. Дар натиҷа ҳаҷми солонаи истеҳсоли корхонаҳо зиёд мегардад, ҷойҳои иловагии кор фароҳам меоянд.

Сенаторон Қонунро қабул карданд.

Баъд аз ин Қонун «Дар бораи ворид кардани илова ва тағйирот ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ўзбекистон вобаста ба такмил додани қонунгузории андоз ва гумрук» баррасӣ гардид.

Қайд гардид, ки дар кишвари мо ба шарофати такмил додани қонунгузории андоз ва гумрук чун дар тамоми соҳаҳои дигар бинобар вусъат додани фаъолияти ашхоси ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ, барои онҳо фароҳам овардани шароит ва имкониятҳои зарурӣ беҳбудиҳо фароҳам омаданд.

Ба мақсади ба аҳолӣ ва соҳибкорон пешниҳод намудани имтиёзҳои иловагӣ ба кодексҳои андоз ва гумрук тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда мешаванд.

Аз ҷумла, миқдори аксизҳо барои хидмати алоқаи мобилӣ коҳиш мееёбад, пардохтҳои ҳармоҳаи андози даромаде, ки ба падару модарон (писархондкунӣ) барои хидмати ташкилоти ғайридавлатии таълими томактабӣ ва мактабҳо ба фарзандони онҳо расонида мешавад, то 3 миллион сўм озод карда мешаванд.

Ғайр аз ин муқаррар карда мешавад, ки дар таркиби воридоти умумӣ даромадҳое, ки донишҷўён аз хидматҳои пулакии курсҳои таълимӣ, маҳфилҳои варзишӣ ва хидматҳои дигари таълимии дар ҳудуди муассисаҳои таълими олӣ ташкилшуда мегиранд ва баъзе намуди хароҷотҳои аз ҷониби қонунгузорӣ муқарраршудаи ташкилоти ғайридавлатии таълими томактабӣ ва мактабҳо, аз ҷумла ташкилотҳои ғайридавлатии таълими томактабӣ ва мактабҳо дар шакли шарикии давлативу хусусӣ дохил карда намешаванд.

Баробари ин воридоти қисмҳои эҳтиётии таҷҳизоти тиббӣ ва маснуот, ҳамчунин маводи барои мақсадҳои тиббӣ истифодашаванда бинобар руйхат, ки бо тартиби муқаррарӣ расмӣ кунонида мешаванд, аз пардохти андоз барои арзиши иловагӣ озод карда мешаванд.

Барои субъектҳои соҳибкорие, ки бо савдои чакана ва хўроки умумӣ, меҳмонхонаҳо, мусофир ва боркашонӣ аз тариқи нақлиёти автомобилӣ, хидмати техникии воситаҳои нақлиётӣ, хидматҳои компютерӣ, таъмири техникаҳои маишӣ, хидматҳои аграрӣ ва ветеринарӣ, ҳамчунин марказҳои дилхушӣ машғуланд, миқдори 1 фоизаи андози иҷтимоӣ истифода мегардад.

Дар ҷамъомад сенаторон қайд намуданд, ки бинобар ба субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳод кардани имтиёзҳои муваққатии андоз ба рушди соҳаи хидматрасонӣ, сайёҳӣ, бозори сармояҳо ва тиббиёт, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва таъмин сохтани шуғли аҳолӣ имкон фароҳам оварда мешавад.

Қабули Қонун ҳамчунин ба такмил додани низоми андозу гумрук, беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ мусоидат хоҳад кард, ки дар ниҳояти кор афзоиши даромади аҳолиро таъмин менамояд.

Сенаторон Қонунро маъқул донистанд.

Дар ҷамъомади умумӣ инчунин масъалаи ирсол намудани дархости парлумонӣ ба Ҳукумат оид ба тоза кардани маҷрои дарёҳо ва мустаҳкам намудани соҳилҳои онҳо, таъсири манфии истихроҷи конҳои ғайримаъдан ба объектҳои муҳити зист, хоҷагиҳои об ва роҳ баррасӣ шуд.

Ҳукумат оид ба тоза кардани маҷрои дарёҳо ва таҳкими соҳилҳои онҳо, истихроҷи маъданҳои ғайримаъданӣ, кофтани чоҳҳои обҳои зеризаминӣ, самаранок ва оқилона истифода бурдани онҳо «харитаҳои роҳ»-ро таҳия намуда, мувофиқи он корҳои муайян анҷом дода шуданд.

Аз ҷумла, ба мақсади омўзиши субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бо тоза кардани маҷрои дарёҳои ҳавзаҳои об машғуланд ва конҳои регу шағали ғайримаъданро идора мекунанд, тадбирҳои назорати экологӣ андешида шуданд. Дар доираи ин чорабинӣ нисбат ба 58 нафар шахсе, ки ба худсарона фаъолият нишон медиҳанд, ба маблағи 444 миллион сўм ҷаримаи маъмурӣ андохта шуд.

Сенаторон дар баробари коре, ки давом дорад, ба як қатор масъалаҳои боқимондаи проблемавӣ таваҷҷуҳ доданд.

Ҳамин тариқ, зикр гардид, ки корҳо оид ба насби дастгоҳи назоратӣ (эталон) дар минтақаҳои истихроҷи конҳои ғайримаъданӣ, теппаҳои бетонӣ бо нишон додани минтақаҳои наздисарҳадӣ, харитаи топографӣ бо контурҳои тасвиршудаи талвег, тадриҷан мустаҳкам кардани соҳил ва ташкили назорати маркшейдерӣ ба дараҷаи даркорӣ ба роҳ монда нашудааст.

Вобаста ба иҷрои вазифаҳои муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузорӣ аз ҷониби вазорату идораҳои масъул дар минтақаҳо субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҷойҳои муайяннашуда ғайриқонунӣ ва номуносиб регу шағал мегиранд.

Ин боиси кам шудани обҳои рўизаминӣ ва зеризаминӣ, ботлоқшавӣ ва ифлосшавии минтақаҳои ҳифзи об, таназзули соҳилҳо, кам шудани флораи набототи соҳилӣ, кам шудани дарахтон, инчунин таназзули хок, ҳолати фавқулоддаи инфрасохтори нақлиётӣ ва гидротехникӣ гардид.

Дар натиҷаи васеъ шудани маҷрои дарёҳо ва аз ҳисоби зиёд шудани бухоршавӣ ва филтратсияи об дараҷаи бо об таъмин намудани киштзорҳои хоҷагии қишлоқ ва қитъаҳои наздиҳавлигии аҳолӣ паст шуда истодааст.

Ғайр аз ин, дар минтақаҳои муҳофизати дарёҳо корхонаҳои сангрезакунӣ ҷойгир шудаанд, ки оби партови онҳо бе тахшинкунӣ бевосита ба дарё равон мешавад, ки дар натиҷа дараҷаи олудашавии оби дарёҳо бо маҳсулоти нефт, оҳан ва моддаҳои муаллақ ва шинокунанда баланд мешавад.

Бинобар ҷамъбасти муҳокимаҳо қарори Сенат дар бораи фиристодани дархости парлумонӣ ба Девони Вазирон ба мақсади тавзеҳи ин масъалаҳо қабул гардид.

Сипас сенаторон масъалаи ирсол намудани дархости парлумонӣ ба Девони Вазирон дар бораи иҷрои барномаи маҳаллигардонӣ дар соҳаи истеҳсолии иқтисодиётро баррасӣ карданд.

Дар ҷамъомад кори соли 2021 дар асоси барномаи маҳаллигардонӣ дар кишварамон амалишуда мавриди муҳокима қарор гирифт.

Аз ҷумла, соли гузашта зиёда аз 2000 лоиҳаи истеҳсоли маҳсулот ба маблағи 24,4 триллион сўм  ба нақша гирифта шуда, дар амал 1938 лоиҳа ба кор андохта шуд, ки ба шарофати онҳо ба маблағи 30,1 триллион сўм маҳсулоти саноат истеҳсол карда шуд. Дар доираи ин лоиҳаҳо 254 намуди маҳсулот ба маблағи 411 миллион доллари ИМА содир карда, беш аз 12 400 ҷойҳои нави корӣ сознон дода шуданд.

Зимни муҳокимаҳо зикр гардид, ки дар доираи лоиҳаҳои амалӣ истеҳсоли чунин маҳсулот аз қабили мошини боркаш барои обкашӣ, насоси пармакунӣ, муҳаррикҳои барқии камқувват, ҳисобкунакҳои ултрасадо ба роҳ монда шудааст.

Сенаторон дар навбати худ ба баъзе мушкилот дар таъмини барномаи маҳаллигардонӣ эътибор доданд.

Дараҷаи пасти маҳаллигардонӣ вобастагии зиёдро аз ашёи хом ва маводи воридотӣ ба миён меорад. Ин боиси баланд шудани нархи маҳсулот гардида, ба қобилияти харидории аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, 115 лоиҳа ба маблағи 1,9 триллион сўм, ки ба барномаи маҳаллигардонӣ барои соли 2021 ворид карда шудааст, ба кор дароварда нашудааст, бинобар 203 лоиҳа нақшаи истеҳсоли маҳсулоти маҳаллӣ иҷро нагардидааст.

Иҷрои нақшаҳо оид ба маҳаллигардонии ҶС «Ўзавтосаноат», Агентии оид ба рушди  соҳаи дорусозӣ, ҶС «Ўзмахсусмонтажқурилиш», Ассотсиатсияи  «Ўзтўқимачиликсаноат», Ассотсиатсияи «Ўзэлтехсаноат», дар қисмати минтақаҳо – вилоятҳои Хоразм, Қашқадарё, Андиҷон, Самарқанд пурра иҷро нашудаанд.

Ба ғайр аз ин, ҳолатҳои ба имзо расондани шартномаҳои мустақим бо вайрон кардани қонунгузорӣ ба воситаи портали электронии www.cooperation.uz харид оид ба нархҳои бардошташуда, дар биржа фурўхтани кооператсияи электронии молҳо ва молҳои воридотӣ аз ҷониби субъектҳои ғайримаҳаллии истеҳсолот ошкор карда шуданд.

Бинобар натиҷаҳои баррасӣ қарори Сенат дар бораи ба Ҳукумат ирсол намудани дархости парлумонӣ дар бораи иҷрои барномаи маҳаллигардонӣ дар соҳаи истеҳсолии иқтисодиёт баррасӣ гардид.

Сипас сенаторон натиҷаҳои дархостҳои парлумоние, ки ба Ҳукумат нисбати андешидани чораҳо оид ба таъмини афзоиши устувори содирот ва диверсификатсияи номгўи он фиристода шудааст, баррасӣ намуданд.

Дар ҷаласа таъкид гардид, ки Ҳукумат ҷиҳати рафъи мушкилот ва камбудиҳои ҷойдошта, ки ба афзоиши содирот монеа эҷод мекунанд, корҳои назаррасеро анҷом додааст.

Аз ҷумла, ба мақсади барҳам додани мушкилоти ба муносибати дархости парлумонӣ зоҳиршуда лоиҳаҳои дахлдори ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия гардиданд.

Ҳамин тариқ, лоиҳаи қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи низомнокгардонии маҷмўии пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии идоракунии сармояҳо ва фаъолияти сиёсати хориҷии иқтисодӣ», ки ба низомнокгардонии қонунгузорӣ, ки фаъолияти Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷиро ба танзим меорад, таҳия гардид.

Ба шарофати дархости порлумонӣ барои пешгирии камбудиҳо дар фаъолияти системаи ягонаи иттилоотии электронии амалиёти тиҷорати хориҷӣ чораҳо андешида шуданд. Аз ҷумла, барнома аз серверҳои кўҳнашудаи Кумитаи давлатии гумрук ба серверҳои замонавии баландсуръати дар Вазорати сармоягузорӣ ва савдои хориҷӣ насбшуда гузаронда шуд.

Дар баробари ин сенаторон кайд карданд, ки дар ин соҳа як катор камбудиҳо мавҷуданд, ки бартараф намудани онҳо ба афзоиши минбаъдаи содирот мусоидат мекунад.

Дар ҷамъомад мушкилоти Кумитаи давлатии андоз ҳангоми ҷорӣ кардани низоми ҷуброни андоз ба арзиши иловагии корхонаҳои содиркунанда аз нуқтаи назари танқидӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ба ғайр аз ин, сенаторон зарурати қабули чораҳои дақиқро оид ба зудтар дар Ўзбекистон ҷорӣ кардани андозаҳои замонавии байналмилалии фаъолияти суғурта ва маблағгузории пешазсодиротӣ қайд намуданд.

Бинобар ҷамъбасти муҳокима қарори дахлдори Сенат қабул гардид.

Дар ҷамъомади умумии Сенат инчунин натиҷаҳои дархости парлумонӣ дар бораи ҳолати таъмини бехатарии воситаҳои нақлиёти бо лўлаҳои газ муҷаҳҳазшуда ва иҷрои қонунгузорӣ дар ин соҳа, ки бо қарори Ҳукумат аз нав мавриди баррасӣ қарор гирифтааст,   баррасӣ гардид.

Аз ҷумла, дар 196 стансияҳои газпуркунии компрессории автомобилии кишвар 1300 камбудӣ ошкор карда шуда, дар 815 истгоҳ камбудиҳо сари вақт бартараф карда шуда, фаъолияти 70 нуқтаи сўзишвории газ муваққатан боздошта шудааст, ки онҳо барои ҳалли мушкилоти мавҷуда чора наандешидаанд.

Дар баробари ин аз рўи баъзе масъалаҳое, ки дар дархости парлумонӣ ба миён гузошта шудаанд, ҷавобҳои асоснок дода нашудаанд. Аз ҷумла, иҷрои талаботи қарори Девони Вазирон аз 11 октябри соли 2017 таҳти рақами 815 пурра таъмин нагардида, сарфи назар карда шудааст.

Имрўз тамоми автобусҳои русуми «MAN A 22 CNG»-и истеҳсоли КМ ҶММ «JV MAN Auto-Uzbekistan», ки бо лўлаҳои гази табиии фишурдашудаи-3 муҷаҳҳаз шудааст ва мусофир мекашонанд, ба аҳолӣ бидуни гузарондани назорати техникӣ хидмат мерасонанд.

Инчунин, ҷавоби дақиқ нисбати дар лабораторияҳои озмоишӣ фароҳам овардани шароити зарурӣ барои гузарондани озмоиши техникии лўлаҳои газ, ки ба воситаҳои нақлиёти боркашону мусофиркашон насб карда шудаанд, тақдим карда нашудаанд.

Дар рафти муҳокима сенаторҳо қайд карданд, ки дар сатҳи ҳукумат ба ҳавасмандгардонии истеҳсоли баллонҳои газӣ дар кишвар, ки ба талаботи техникӣ ҷавобгў ва бехатарии онҳо пурра кафолат дода мешавад, эътибори зарурӣ дода намешавад.

Ҳамин тариқ, дар давоми солҳои 2020-2022 тақрибан 70 фоизи баллонҳои газе, ки дар мошинҳо насб шуда, баъдан таркида буданд, аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид карда шудаанд. Дар ҷумҳурии мо ҳамагӣ 3 корхонаи истеҳсоли баллонҳои газ мавҷуд аст, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавоб медиҳанд.

Ғайр аз ин, муносибати бепарвоёнаи Кумитаи давлатии бехатарии саноатӣ нисбат ба пешниҳодоти ба вазорату идораҳои масъул барои таъмини бехатарӣ воридкардашуда қайд карда шуд. Ва масъулини Ҳукумат ба ин вазъ муносибати худро баён накардаанд.

Дар ҷамъомад зарурати аз ҷониби Девони Вазирон давом додани ҷорабиниҳое, ки ба рафъи мушкилоти дар дархости парлумонӣ зикршуда нигаронда шудааст, таъкид гардид.

Бинобар масъалаи мазкур қарори дахлдори Сенат қабул шуд.

Сенаторон натиҷаи дархости парлумониро, ки ба Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон дар бораи ҳолати хидмати тиббие, ки ба занони ҳомила ва синни таваллуд ва ҳамчунин ширхорон расонда мешавад, фиристода шуда буд, муҳокима намуданд.

Сенаторон таъкид карданд, ки дар бобати масъалаҳое, ки дар дархости парлумонӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд, корҳои муайян анҷом дода шудаанд.

Аз ҷумла, дар зарфи соли 2021 8,8 миллион нафар занони синни таваллуд (98,2 фоиз аз миқдори умумӣ) аз муоинаи тиббӣ гузаронда шуданд, ки дар 3,9 миллион нафар (44,3 фоиз)-и онҳо бемориҳои экстрагенитал маълум гаштааст. Онҳое, ки чунин беморӣ доштаанд, дар шароити амбулаторӣ ва статсионарӣ 3,5 миллион нафарашон (91,8 фоиз) муолиҷа гирифтанд.

Инчунин дар маҳалҳои кўҳӣ, биёбон ва душворгузар, ки аз марказҳои ноҳияҳо дур ҷойгир шудаанд, бо мадади «Гурўҳи духтурони сайёр» 658,5 ҳазор нафар занони синни таваллуд аз муоинаи тиббӣ гузаронда шуданд. Дар натиҷа дар 275,6 ҳазор нафар (41,9 фоиз) бемориҳои гуногун маълум карда шуд, ки қариб 94 фоизи онҳо курси солимгардониро аз сар гузаронданд.

Ба нақша гирифта шудааст, ки дар пойгоҳи Маркази ҷумҳурии саломатии репродуктивии аҳолӣ, Маркази ҷумҳурии скрининг ва Маркази махсуси тиббии илмиву амалии акушерӣ ва гинекологӣ маркази ягона ва ҳамчунин таҳияи «нақшаҳои роҳ» барои ҳар як минтақа ба вуҷуд оварда шавад.

Ҳамзамон таъкид гардид, ки ҷорабиниҳои ҳалли баъзе масъалаҳое, ки сенаторон дар дархости парлумонӣ нишон додаанд, ба таври бояду шояд андешида нашудааст. Аз он ҷумла дар бобати таъмини мутобиқати сарбории муассисаҳои таваллудхонаҳо бинобар теъдоди ҷойҳои мавҷудаи онҳо ва тибқи ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ муайян намуда, нақшаи дақиқ таҳия нагаштааст.

Дар ҷавоб ба дархости парлумонӣ дар бобати масъалаи таъмини кўдакони ширхор  ва кўдакони синни бармаҳал бо маҳсулоти озуқавории ивазкунандаи шири модар аз ҳисоби маҳсулоти маҳаллӣ тавзеҳ дода нашудааст.

Қарори Сенат, ки қабул намудани ҳуҷҷати марбути меъёриву ҳуқуқиро дар бобати ҳалли масъалаҳое, ки дар дархости парлумонӣ аз ҷониби сенаторон бардошта шудааст, пешбинӣ менамояд.

Дар ҷамъомади умумии 28-ум сенаторон инчунин масъалаҳои дохил намудани тағйирот ба баъзе қарорҳои Сенат (Шўрои Сенат)-и Олий Маҷлис ва тасдиқ намудани қарорҳои Шўрои Сенати Олий Маҷлисро баррасӣ намуданд.

Дар ҷараёни ҷамъомади умумӣ аз ҷониби сенаторон 13 масъала муҳокима гардида, аз он ҷумла 4 қонун тасдиқ гардид.

Бо ҳамин ҷамъомади умумии 28-уми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон кори худро анҷом дод.

**Хидмати ахбори Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

*СОЛҲО ВА ТАҚДИРҲО*

# МУАЛЛИМИ ТАҚДИРСОЗ

## ҲЕҶ КАС АЗ ПЕШИ ХУД ЧИЗЕ НАШУД…

Аз рӯзи таъсиси рӯзномаи ноҳияи Самарқанд «Гулобод тонги» то имрӯз бисёр шахсон вазифаи муҳаррирро ба ӯҳда доштанд, ки дар байни онҳо хоксорону росткорон, ҷавонмардону фидоиён будանду ҳам шахсони мағруру худписанд.

Раҳматӣ Насриддин Зайниев қариб 30 (!) сол ҳамчун сардабири ҷафокашу дилсӯзи матбуот фаъолияти ибратбахшу шоиста бурд ва хоссатан барои тарбияи журналистони хушсалиқа, умедбахш, дилбастаи қаламзанӣ саҳми арзанда гузошт.

Афсӯс, ки ӯро дар авҷи камолоти эҷодӣ ба мақоли «киштӣ бо саъйи киштибон ба канор мерасад» амал карда, аз вазифааш сабукдӯш карданд…

Он айём дар мактаби рақами 16-уми ноҳияи Самарқанд таҳсил мегирифтам. Синфи 9 «В» дар байни чаҳор синфи тоҷикӣ аз ширинкориҳои сегона – Толиб, Шамсӣ ва инҷониб «шӯҳрат»-и хосса дошт. Боре аз фанни забони хориҷӣ муаллимаи нав омад.

Дар зимн вобаста ба ин муаллима як ҳодисаи номақбуле шуду аз он маро муаллими забону адабиёт, иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳон Бердӣ Ҳамроев раҳонд.

Рости гап, агар он рӯзи таърихӣ тақдир маро бо ин педагоги моҳир рӯ ба рӯ намекард, кӣ медонад, соҳиби кадом касб мешудам. Вай баъди ба поён расидани маҳфили «Адабиётчиёни ҷавон» ба ман супориш дод, ки доир ба маҳфил хабар навишта, ба идораи рӯзномаи «Шарқ тонги» барам, ки идорааш болои роҳам аст.

Агар супориши муаллими соҳибтаҷрибаи рӯзгордида, дилсӯзу рамузфаҳм шодравон Бердӣ Ҳамроев намебуд, шояд ҳеҷ гоҳ ба рӯзнома кордор нашуда, ҳатто намедонистам, ки он бо чӣ хел ранҷу азоб пайдо мешаваду бо гузашти айём мазмуни ҳаёти ман мегардад.

Аз назди бинои рӯзнома садҳо маротиба гузашта бошам ҳам, макони қаламзанҳо будани ин ҷоро намедонистам. Ба қабулхона ворид шуда, зани олуфтаи бо як пуд атру упо пардозёфтаро саргарми ҳуруфчинӣ дидам. Вай ба ман нигоҳ карда, ба саломам алейк гирифт, панҷаҳояш мисли пианинонавози моҳир рӯи ҳарфҳо метохт.

– Муаллимамон ана ин коғазро дода фиристоданд, – мақсадамро ошкор сохтам, – ба кӣ диҳам?

Вай сӯи дари ҳамшафат ишора намуд ва корашро давом дод. Болои дари бо чарми сиёҳ рӯйкашшуда тахтачае бо навиштаҷоти «Муҳаррир Н.ЗАЙНИЕВ» овезон буд, кушода ба дарун нигаристам. Дар пешгаҳ марди миёнсолу хурдҷуссаи камгӯшти костюми сиёҳу куртаи сафед ва галстуки сурх бо мутолиаи рӯзнома банд буд, ки сар бардошта маро дид ва ба истиқболам омад.

Ман баъди салому алейк бо ишорати соҳибхона ба курсии нарм нишастам. Вай аз рӯ ба рӯям ҷой гирифт ва бо як нигоҳ матни коғазро хонд ва гуфт, ки нағз навиштаед.

– Муаллиматонро мешиносам, – бо табассум лаб ба сухан кушод вай, – шоири ҷанговар, шеър менависанд.

– Ман бо супориши он кас омадам, – сабаби ташрифамро гуфтам, – дар мактаб маҳфили адабӣ дорем.

Муҳаррир тугмачаро пахш карда буд, ки котиба дарро кушод ва чунон нигарист, ки маънои «чӣ хизмат?»-ро дошт.

– Абдусаломро даъват кунед!

Дере нагузашта Абдусалом ном шахси хушсурат омад.

– Ана ин мақолачаро гиреду ба ӯзбекӣ тарҷума кунед, – супориш дод муҳаррир. – Боз баъзе факту рақамҳоро аз ин бача пурсед. Муаллим Бердӣ Ҳамроев фиристодаанд.

Абдусалом Муҳаммадалиев шахси камгап, вале ҳозирҷавоби шӯхтабиат будааст. Мо зуд унс гирифтем ва ҳамкории тарафайн мустаҳкам гардид.

### ЧАРОҒИ ДУРӮҒ ФУРӮҒ НАДОРАД

*Ақл дорӣ, майли бадкорӣ макун,*
*З-ин бигзаштӣ, сабуксорӣ макун.*

Минбаъд идораи рӯзнома ба хонаи дуюми ман табдил ёфт. Аҳли редаксия, алалхусус муҳаррири дилсафеду дилёб, хоксору росткор мо – шогирдонро ҳамеша бо табассум пешвоз мегирифт. Хату хабарҳои ба ном «мақола»-ҳои хому хатала, чалаву бесаводона, росту дурӯғ, саросема иншоёфтаро ба ӯ медодам ва баъди чанд рӯз дар саҳифаи рӯзнома равону суфта, бо пардозҳои зебо мехондам.

Бо дилбардорӣ, дастгирӣ, раҳнамоӣ ва маслиҳатҳои муфид кӯшиш ба харҷ дод, ки шогирд вориди боғи адабиёт гардад.

Вақте ки бо талоши равшанфикрон як саҳифаи рӯзномаи мазкур тоҷикӣ шуд, чанд нафар ба масъули саҳифа шудан даъвогарӣ карданд. Аммо ӯ инҷонибро назди худ хонд ва гуфт:

– «Фонаи чӯб аз танаи чӯбдия». Писарҷон, ғайр аз шумо ба ман ҳеҷ кас лозим нест.

Ана ҳамин хел устоду шогирд паҳлӯи якдигар то воқеаи нохуше адои вазифа кардем. Вале дар ҳаёт ҳар бахтеро заволе будааст.

### «ТӮФОНИ НӮҲ» ДАР РЕДАКСИЯ

Аз байн беш аз сӣ сол гузашт, аммо мақоли «пои бегуноҳ ба сари дор меравад», ростӣ, ки касро ба андеша мегузорад. Ҳатто чанде пеш дар хобам устоди аввалинам Насриддин Зайниевро дида барои гуноҳи азими хеш, ки дар як гӯшаи дилам гиреҳ буд, узр пурсидам. Вай бо табассуми малеҳ, чун ҳамон рӯзи мудҳиш, оҳи бадард кашиду «ҳеҷ гап не, ҳамааш нағз» гуфту халос.

Албатта баъди адои намози бомдод ояте аз Қуръони карим тиловат карда, ба руҳи покаш бахшидам ва аҳд кардам, ки ба муносибати 65-солагии рӯзномаи «Гулобод тонги» ба хотираи нахустин устод, раҳнамо ва муҳаррири нотакрор чизе иншо намоям.

Воқеан, марди дилёбу дарёдил, шодравон Насриддин Зайниев ба бисёр қаламзанҳо ҳаққи устодӣ дорад. Сардабири рӯзномаи «Халқ сӯзи» Ўткир Раҳмат, шоир Суръат Орипов, собиқ раиси ширкати симо ва садои вилоят Миршариф Хоҷаев, журналистон Раҳимҷон Султонов, Тугалбой Музаффаров, Эргаш Султонов, Мирсафо Камолӣ, Раҳматулло Шарифзода, Озод Ҳамидзода, Раҳим Мавлонӣ ва даҳҳо нафар дигарон қалами худро маҳз дар ҳамин идораи матбуот чарх додаанд.

Воқеан дар он рӯзи фоҷеабор агар яке аз фаъолони Маркази милливу фарҳангии тоҷик ва тоҷикзабонони вилоят Амина Шарофиддинова эълони дар майдони Регистон баргузор гардидани гирдиҳамоиро намеовард, шояд масъала ранги дигар мегирифт.

Гуноҳи ман аз он иборат буд, ки ба пурсиши муҳаррир нисбати калимаи «гирдиҳамоӣ» ҷавоби пардапӯшона "маслиҳат кардан" намегуфтам, раҳматӣ Н.Зайниев ба чопаш дар рӯзнома иҷозат намедод.

Рӯзи дигар қариб 15 ҳазор нусха рӯзнома мусодира гардид ва таъҷилан ҳамин адад бо эълони «Гирдиҳамоӣ намешавад» аз субҳи содиқ ба ҳар як хонадони обуначиён расид. Маҳз барои эълон муҳаррири бечора аз вазифааш сабукдӯш шуд, ки моҳиятан ба нағзӣ – бадӣ, ба некӣ – ҷазо гардид.

Аммо аз байн 35 сол гузашт, ҳамон шогирдону мухлисони бешумор ӯро ба некӣ ёд меоваранд. Умед аст, ки ба муносибати 65-солагии таъсиси рӯзномаи мазкур исму насаби ӯ низ бори дигар ба хотир гирифта мешавад. Шайх Саъдӣ мефармояд:

*Зиндаву ҷовид монд ҳар кӣ накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Ба ҷои табрик*

# РӮЗНОМАНИГОР ВА АДИБИ СЕРКОР

Солҳои 30-юми асри гузашта бо даъвати ҳукумати Иттиҳоди Шӯравӣ гурӯҳе аз водии Фарғона барои обёрии заминҳои навкорам ва обод гардонидани водии Вахши Тоҷикистон роҳӣ карда шудаанд. Дар сафи онҳо падари Мансур Инъом – Инъомхон Шарипов ҳам буд. Вай дар деҳаи Чирики ноҳияи Шаҳритуз бо пахтакорӣ машғул мешавад.



Мансур Инъом соли 1952 дар Шаҳритуз таваллуд ёфта то синфи 8-ум, дар мактаби таълими умумии деҳа таҳсил мегирад.

Соли 1967 аъзоёни оилааш ба зодгоҳи бобоӣ – ба ноҳияи Чуст кӯч мебандад ва ӯ ба синфи 9-уми мактаби таълими умумии рақами 1-уми шаҳри Чуст қабул мешавад. Пас аз хатми мактаб дар хидмати ҳарбӣ қарзи ҷавонмардиашро ба итмом мерасонад. Баъди хидмати ҳарбӣ ба факултаи ҷуғрофияи Донишкадаи педагогии Наманган қабул шуда, соли 1974 ба итмом мерасонад ва дар мактаби таълими умумии рақами 27-уми ноҳия фаъолияти омӯзгориашро сар мекунад.

Сонитар дар омӯзишгоҳи касбу ҳунари рақами 13, вазифаи котиби кумитаи комсомоли омӯзишгоҳро ба ӯҳда мегирад. Дар мактаби рақами 25-ум вазифаи ҷонишини директор оиди маънавият ва маърифат, ҷонишини раиси хоҷагии ҷамоавии «Москва», директори комбинати истеҳсоли касбу ҳунари ҷамоати шаҳрвандони деҳаи Ҳисорак, хазинаи хайроти маҳаллаи ноҳияро ба ӯҳда мегирад. Вай дар куҷо ва дар кадом вазифа кор накунад, бо ташаббускорию ҷашмикордониаш ба эҳтироми умум сазовор мегардад.

Мансур Инъом аз синни мактабхониаш ба адабиёт шавқ пайдо мекунад. Бо хабару мақолаҳояш дар рӯзномаи ноҳия ва вилоят борҳо иштирок мекунад. Аз соли 1993 то 2000-ум вазифаи муҳарририи рӯзномаи ноҳияи Чуст «Чуст ҳақиқати»-ро ба дӯш гирифта, барои хонданибоб баромадани рӯзнома ҳисса мегузорад. Баробари вазифаи муҳарририро ба ӯҳда гирифтан, фаъолияти эҷодиашро идома дода, китоби нахустинашро ба чоп ҳозир мекунад.

Солҳое, ки вай вазифаи муҳарририи «Чуст ҳақиқати»-ро дар ӯҳда дошт, дар саҳифаҳои рӯзнома барои эҷодкорони ҷавон роҳи васеъ кушода шуд. Чакидаҳои навқаламон, аз ҷумла, Беҳзод Фазлиддин, Тоҳира Нуриддинова, Нозима Оппоқова, Шоира Сумматова, Гулбаҳор Аҳмедова паи ҳам дар саҳифаҳои рӯзнома чоп мешуд.

Мансур Инъом аз соли 2001 то ба нафақа ҳамчун мухбири вилояти Наманган дар баъзе рӯзномаҳо буд ва оиди навгонӣ ва бунёдкориҳои вилоят силсилаи хабару мақолаҳоро ба чоп ҳозир мекунад.

Вай оиди ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоири ғазалсаро Чустӣ маҷмӯаҳоро низ ба чоп ҳозир мекунад. Инчунин, ҳамчун мунаққид соли 1999 дар сафи олимони шинохта бо роҳбарии доктори илми филологӣ, профессор Малик Муродов дар экспедитсияи Бобур иштирок мекунад ва аз рӯйи нишондодҳои омӯхтааш як қатор мақолаҳои илмиро чоп мекунад. Бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Захириддин Муҳаммад Бобур қиссаҳои «Бобурнинг кабутарлари» ва «Нажот чорбоғи»-ро ба чоп ҳозир карда, ба ҳукми китобхонон ҳавола мекунад.

Ғайр аз ин, Мансур Инъом якчанд эссе, қисса ва ҳикояҳоро оиди ҳаёт ва фаъолияти одамони касбу корашон гуногун ба чоп ҳозир мекунад.

Соли ҷорӣ Мансур Инъом дар озмун ба муносибати 9 Май – Рӯзи хотира ва қадр аз тарафи Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон эълоншудаи «Посбониман муқаддас юртнинг» бо қиссаи «Ёди ўчмас одамлар» иштирок карда, ба ҷойи сеюм ноил гардид ва бо дипломи дараҷаи сеюм сазовор гардид.

Соли гузашта дар арафаи 70-солагиаш ба узвияти Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон қабул гардид.

Ҳоло маҷмӯаи навашро дар арафаи ба чоп ҳозир кардан аст. Вай худ баробари бо эҷод шуғл варзидан ҳамчун директори нашриёти ба номи Чустӣ китобҳои эҷодкорони ҷавонро ба чоп ҳозир мекунад.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ДИДАНИ ДӮСТ ЧЕҲРАИ ДӮСТӢ БИАФЗОЯД

***Мардумони Тоҷикистон ва Ўзбекистонро суннатҳои неки бисёрасра ва эҳтироми ҷониббайн муттаҳид месозанд.***

**Эмомалӣ РАҲМОН.**

Тоҷику ўзбек. Ду миллати бо ҳам қарин, дӯстони ҷонианду устувор дар олами меҳрубонӣ. Ва аз қадим дар байни онҳо риштаҳои дӯстӣ пайвастаанд. Дар асри XV ду абармарди майдони адаб, устоду шогирд Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ бо асарҳо ва муносибати басо самимии худ дӯстии ду миллатро тақвияту такомул бахшидаанд. Навоӣ аз шоиронест, ки асарҳои устодаш Мавлоно Ҷомиро ба забони туркӣ тарҷума кардааст. Аз ҷумла, «Нафаҳот-ул-унс» ва «Шавоҳид-ул-нубувват»-ро. Ў то лаҳзаҳои вопасини умр ба устодаш содиқ монд. Дар сӯги устодаш марсия навишт ва дар сари қабри Ҷомӣ мақбара афрохт. Умуман бобати дӯстии ҷонии онҳо чӣ қадар гӯем, кам аст.

Имрӯз ду миллати бо ҳам дӯсту бародар барои густариш додани муносибатҳои байниҳамдигарӣ, пурбор шудани дарахти дӯстӣ саҳм мегиранд. Аҳли адаб, ба хусус шоирони ҳарду миллат ин дӯстиро васф мекунанд. Аз ҷумла, шоири ўзбекзабони Тоҷикистон, зиндаёд Ўлмас Ҷамол навиштааст:

*Аз қадим ўзбеку тоҷик,*
*эт билан тирноқ эрур,*
*Қон-қариндошлик шиораш, қўлида байроқ эрур,*
*Бир-бирин меҳмонга чорлаб, йўлида муштоқ эрур,*
*Тоқати ҳиҷрон надорад,*
*васлига чанқоқ эрур,*
*Ушбу дўстлик ҳар қадамда топғуси фатҳу зафар.*

Дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам пешоҳангони адабиёти тоҷику ўзбек, устодони каломи бадеъ ба мисли Айниву Ғафур Ғулом, Турсунзодаву Зулфия, Лоиқу Абдулло Орипов ва дигарон дӯстиро васф кардаанд. Нафаре аз шоирони тоҷик муносибати дӯстонаву самимии ин ду миллатро тариқи зайл ифода намудааст:

*Эрур қадим-қадимдан,*
*тоҷик-ўзбек биродар,*
*Фарқи йўқ бир-биридан,*
*ду боли як кабўтар.*
*Меҳмоннавоз, инсондўст,*
*сазовори накўӣ,*
*Сўзлашсалар тарафайн,*
*гўё ки ширу шакар.*

Воқеан, мо бародарони кишвари ҳамсоя – Ўзбекистонро дар сарзамини аҷдодиамон ҳамеша бо чеҳраи кушод, меҳрубонӣ мувофиқи ин абёти баландмазмуни устод Мирзо Турсунзода истиқбол мегирем:

*Дӯст ояд гарм дар*
*оғӯш гир,*
*Расми хуби тоҷиконро*
*гум макун.*
*… Дар ҷаҳон бе дӯст*
*будан мушкил аст,*
*Мушкилосонкункасонро*
*гум макун.*



Ин ду миллат аз азал хешу таборанд. Бемуболиға, метавон гуфт, ки онҳо танҳо бо забонашон тафовут доранд.

Ду кишвари дӯсту ҳамсоя – Тоҷикистону Ўзбекистон дар замони соҳибистиқлолии хеш ҳам бо рангу ҷилои нав муносибатҳои дӯстонаашонро пурмазмун мекунанд. Бо шодмонӣ ва эҳсоси ифтихору қаноатмандӣ гуфта метавонем, ки алҳол муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – Президенти Тоҷикистон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев – Президенти Ўзбекистон дар устувору барқарор намудани муносибатҳои дӯстонаи байни миллатҳои тоҷику ўзбек хидматҳои шоён ва сазовори таҳсин доранд. Онҳо зимни сафарҳои расмӣ намунаи олии дӯстиро нишон дода, ба хотири рушду таҳкими арзишҳои созандаи муносибатҳои неки ҳамсоягӣ саъю талош менамоянд. Дар фикри онанд, ки фазои куллан навро барои ҳамгироии созандаи минтақавӣ фароҳам оваранд.

Ҷиҳати ҷолиб он аст, ки сафари расмии сарварони ин ду кишвар барои мардумони меҳмоннавози онҳо идро мемонад. Истиқболи хуш ва гарм, кафкӯбии пурмавҷ ва савту сурудҳои дилнавоз ба дилҳо фараҳ мебахшанд. Меҳмоннавозӣ ҳам дар сатҳи баланд сурат мегирад.

Ба хотир меоварем нахустин сафари расмии Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёевро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (9-10 марти соли 2018). Пазироии бағоят хуш. Ва ин ташриф бор овард. Чанде аз гузаргоҳҳои сарҳадии ҳар ду кишвар ба ҷонیби ин ду миллат боз шуданд. Дар назди сарҳадҳо вохӯрии хешу табори солҳо дидори якдигарро надида ба миён омад. Яъне сарони ду кишвар кори шоёнро ба анҷом расониданд.

Дар сафари навбатии давлатиаш, ки 27 сентябр баргузор шуд, Президенти Ўзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев бо Сарвари Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Турсунзода ташриф оварда, аз ҶСК «Ширкати алюминийи тоҷик», ҶДММ «ТалКО-КРАНТАС», инчунин аз хоҷагиҳои деҳқонии «Боғи Сомон», «Ҳоҷӣ Неъмат», «Ватан» боздид ба амал оварда ва ба заҳмати ангурпарварони асили хоҷагиҳои мазкур баҳои баланд дод. Президенти Ўзбекистон бо арҷгузорӣ ба меҳнати ангурпарварон ба сарварони хоҷагиҳои деҳқонии «Боғи Сомон» ва «Ватан» ду автомобили сабукрав тақдим намуд…

2 июни соли равон Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ ба Ўзбекистон сафар кард. Истиқболи гарми Президенти Ўзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва пазироии дӯстонаи мардуми ўзбек ба меҳмони олиқадри Тоҷикистон ва ҳамроҳони ӯ хурсандиву сурури беинтиҳо бахшид.

Бояд гуфт, ки мулоқоту гуфтушунидҳои Сарони ду давлати ҳамсоя дар таҳкими равобити самарабахши Тоҷикистону Ўзбекистон дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла дар таҳкими ҳамкории мутақобилан судбахши кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва ИДМ нақши калидӣ мебозад. Коршиносон тақвияти рушди муносибати байнидавлатии ин ду кишварро дар шароити муосири ҷомеаи байналмилалӣ таҷрибаи мактаби хос ва бузурги давлатдории тоҷикон арзёбӣ намуданд, ки он аз аҳди Сомониён сарчашма гирифтааст.

Воқеан, дӯстии халқҳои тоҷику ўзбекро чӣ қадар васф намоем, кам аст. Бигузор, ба дӯстии ин ду миллати ба ҳамдигар қарин газанде нарасад, он поянда бимонад.

**Акрам ИКРОМОВ,**
**Аълочии матбуот ва фарҳанги Тоҷикистон.**

*Нишасти матбуотӣ*

***Дар Маркази матбуоти миллии пойтахт аз ҷониби Вазорати адлия ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд доир ба масъалаҳои қабул ба донишгоҳе, ки зикр гашт, нишасти матбуотӣ баргузор шуд.***

# САМТҲОИ НАВИ ҚАБУЛ БА ДОНИШГОҲ

Таъкид гардид, ки ҷараёни супурдани ҳуҷҷат ба донишгоҳ идома дорад. Дар ин маскани таълимӣ барои ҷавононамон, ки ҳуқуқшиносиро интихоб намудаанд, ҳамаи имкониятҳо фароҳам аст, дар бакалавриат дар шакли таълими рӯзона, ғоибона ва масофавӣ метавонанд тавассути сайти Маркази тести давлатӣ (my.dtm.uz) ва портали ягонаи хидматҳои давлатӣ (my.gov.uz) дар шакли онлайн ҳуҷҷат супоранд. Ҳуҷҷатҳо то 20 июл қабул карда мешаванд. Абитуриентҳо аз 5 фан тест месупоранд. Барои онҳо фанҳои маҷбурӣ: забони модарӣ (ўзбек, рус, қароқалпоқ ва дигар забонҳо), математика, таърихи Ўзбекистон. Ба самти таълими бакалавриат хос аз ду фан: таърих, забони хориҷӣ.

– Дар соли ҷорӣ ба таълими рӯзона 650 ҷой ҷудо карда шудааст. Аз он гранти давлатӣ 25, шартномавӣ 625-торо ташкил медиҳад. Параметри қабул доир ба самти таълими ғоибона 300 ҷойро ташкил медиҳад, ки ҳамаи он дар асоси контракт ба роҳ монда шудааст. Соли ҷорӣ маротибаи аввал дар шакли таълими масофавӣ низ қабул ба амал ҷорӣ карда шудааст, ки 300 ҷойро ташкил медиҳад ва ин намуди таълим низ дар асоси контракт ба амал ҷорӣ мегардад, – гуфт дар баромади худ проректори донишгоҳ Дилшод Умаров.

– Барои шаҳрвандони хориҷӣ таълим дар бакалавриат дар асоси суҳбат қабул карда шуда, онҳо низ ба 5 самт ҳуҷҷат супориданашон мумкин ва супурдани ҳуҷҷатҳо то 25 август давом мекунад.

Инчунин таъкид гардид, ки дар донишгоҳ барномаҳои таълимии нав аз ҷониби ҳамкорони хориҷӣ, аз ҷумла, Донишгоҳи давлатии юридикии Қазоқистон, Донишгоҳи давлатии юридикии Урал ва Донишгоҳи давлатии тадқиқотии миллии Нижний Новгород (Русия), Донишгоҳи давлатии Гродно (Беларус) ташкил карда шудааст. Таълим дар ин барномаҳо 4 сол буда, 2 сол дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд ва ду сол дар донишгоҳи ҳамкор таҳсил мегирад ва дар натиҷа соҳиби ду диплом мегардад. Қабул ба ин барномаҳо дар ду шакл ба амал баровaрда мешавад. Якум, дар асоси санҷиши донишгоҳи ҳамкори хориҷӣ (суҳбат, тест, хаттӣ), дуввум дар асоси санҷишҳои тести Маркази тести давлатӣ гузаронда мешавад.

Дар самти магистратура дар таълими рӯзона 245 нафар: 11-то дар асоси гранти давлатӣ, 234-то шартномавӣ ташкил карда шудааст. Қабули ҳуҷҷатҳо ба самти магистратура то 30 июл давом мекунад.

Барои муроҷиати шаҳрвандон "Call center" ташкил карда шудааст.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4716 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.00



Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru



Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.